# Тақриз

ба фишурдаи диссертатсияи Раҳматова Озодахон Анварҷоновна дар мавзӯи «Сохт, мавзӯъҳо ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик.

Сайфи Исфарангӣ аз зумраи шоирони пуровозаи таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ маҳсуб мегардад. “Девон”-и Сайфи Исфарангӣ ҳам аз нигоҳи тановӯи анвои шеърӣ ва ҳам аз лиҳози мазмун ва ҳунари шоирӣ ҷолиби таваҷҷуҳ ва сазовори тадқиқоту пажӯҳишҳои пурдомана мебошад. Чанде пеш аз тарафи Субҳони Аъзамзод ба нашр расидани “Девон”-и комили шоир маъруфияти ӯро дар байни хонандагон ба маротиб афзуд. Дар баробари ин, таълифи диссертатсияи илмии Озодахон Раҳматова, бидуни шубҳа, дар таҳқиқу омӯзиши аҳволу осори шоир гоми шоиста дар илми адабиётшиносӣ мебошад. Дар ин пажӯҳиш мавзӯъ хеле мушаххас дар атрофи қасоиди Сайфи Исфарангӣ интихоб шудааст.

Воқеан, Сайф аз шоирони қасидасарои маъруфи асрҳои 12-13 мебошад, ки дар ривоҷи ин навъи суннатии шеъри классикии тоҷик ҷустор ва ибтикороти муҳимми шоиста дорад. Аз тарафи дигар, омӯзиши ҳунари шоирии адибони тавоное мисли Сайфи Исфарангӣ имкон медиҳад, ки масири шеъри форсии тоҷикӣ ва анвои ҷудогонаи он ба таври илмӣ таъйин ва мушаххас карда шавад. Ба ҳамин хотир, Озодахон Раҳматова дар се боби асосӣ ва фаслҳои ҷудогонаи диссертатсияи номзадии худ ба таҳқиқи пурдомана ва фарогири қасоиди Сайфи Исфарангӣ мепардозад.

Муҳаққиқ дар муқаддимаи диссертатсия вазифаҳои пажӯҳиши худро мушаххас баён намуда, муҳиммияти мавзӯъ ва шеваю усулҳои таҳқиқро баён мекунад. Дар боби аввали диссертатсия, ки асосан ба аҳволу осори шоир иртибот дорад, Озодахон Раҳматова нуқтаҳои зиёдеро дар зиндагиномаи шоир таҷдиди назар менамояд. Ба хотири ба таври илмӣ равшан намудани шарҳи ҳоли Сайф муҳаққиқ фасли алоҳидаеро ба баррасии вазъи сиёсӣ ва адабии аҳди шоир ихтисос додааст. Маълум мешавад, ки давраи камолот ва оғози фаъолияти шоирии Сайф ба марҳилаи ноороми таърихи Хуросону Мовароуннаҳр рост меояд. Ҳамлаи муғул, воқеан, ин минтақаҳоро ноором ва вазъи мардуми давлатҳои мавҷударо хароб сохта буд.

Дар фасли дуюми боби якуми диссертатсия Озодахон Раҳматова таркиби “Девон”-и шоирро баррасӣ намуда, ӯро дар радифи шоирони маъруфи қасидасарои асрҳои 12-13 мегузорад, ки ин воқеият ҳам дорад. Ба ҳамин хотир, боби дуюми диссертатсияи худро муҳаққиқ ба таҳқиқи сохт ва муҳтавои қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ ихтисос дода, дар зерфаслҳои ин боб сохтори бадеии қасоиди шоир, муҳтаво ва арзишҳои адабию бадеии қасидаҳои Сайфро таҳқиқ мекунад. Ишора меравад, ки қасоиди Сайф бештар мадҳӣ буда, миқдори мамдӯҳони онҳо беш аз сад нафар ашхоси маъруфи замон мебошанд. Дар диссертатсия аксари мамдӯҳони Сайф ном ба ном зикр мегарданд, ки ҳатто шоир ба баъзе шахсиятҳои бонуфузи замони худ то понздаҳ қасида бахшидааст. Аз ҷумла, ба ҳокими замон Муҳаммади Хоразмшоҳ шаш қасидаи мадҳӣ мебахшад, ки ин ва дигар масоили марбути мамдӯҳони шоир дар зерфасли фасли дуюми боби дуюми диссертатсия баррасӣ мешавад.

Муҳаққиқ дуруст таъкид менамояд, ки Сайфи Исфарангӣ дар қасоиди мадҳии худ дар баробари тавсифу ситоиши мамдӯҳ ба баёни масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ахлоқию маънавӣ ҳам таваҷҷуҳи зиёд кардааст. Вай аксари мамдӯҳони худро ба адолатпарварӣ, раиятпарварӣ ва анҷоми корҳои нек ва хайру савоб ҳидоят менамояд.

Боби сеюми диссертатсияи Озодахон Раҳматова асосан ба ҳунари мазмунсозӣ ва маъниофаринии Сайфи Исфарангӣ бахшида шудааст. Муҳаққиқ аз қавли худи Сайф собит менамояд, ки ӯ дар мазмунсозию маъниофаринӣ дасти тавоно ва табъи расо дорад. Вай сухани такрор ва маъниҳои хушку берӯҳро намеписандад. Дар диссертатсия таъкид мешавад, ки навпардозиҳои шоир бештар дар мазмунсозию маъниофаринӣ, сохтани ташбеҳу истиорот, таҷнису киноёт ва дигар санъатҳои бадеӣ ба назар мерасад. Забони қасоиди шоир зебою шево ва пуртаровват аст. Вай ҳангоми баёни матлаб аз мақолу зарбулмасал, ибораҳои рехтаю пурҳикмат ба таври фаровон истифода менамояд.

Дар баробари муҳассаноти мазкур дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасад:

1. Дар бахши сарчашмаи таҳқиқ аз чанд нусхаи қаламии “Девон”-и шоир ёд мешавад, вале дар матни диссертатсия дар бораи ин нусхаҳо маълумоти кофӣ дода нашудааст.
2. Дар фасли аввали боби якуми диссертатсия муаллиф бештар ба иттилооти умумие, ки дар китобҳои таърихи адабиёт омадаанд,

такя мекунад ва саҳми худро дар байни мавзӯъ мушаххас накардааст.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ ва ислоҳшаванда буда, онҳо арзиши умумии диссертатсияро кам намегардонад. Диссертатсияи Озодахон Раҳматова тадқиқоти комилу анҷомёфта буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи забони давлатӣ ва
ҷомеашиносии ДПДТТХ
ба номи академик М.Осимӣ Таиба Бобоева

Суроғаи электронӣ:Farah_@mail.ru

Имзои Таиба Бобоеваро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои ДПДТТХ
ба номи академик М.Осимӣ Ёқубова М. А.